ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ - методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ.– шаҳри Хуҷанд, 2026. – 351 с.

Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мухтавои диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» ба рамзи ихтисоси илмии тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқот талаботи шиносномаи ихтисоси мазкурро, ки марбут ба коркарди равишҳои нав, усулу воситаҳо ва низомҳои таълими забони тоҷикӣ мебошанд, фаро мегирад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Масъалаи ташаккул ва такмили фарҳанги нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити кунунии рушди ҷомеа ва соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва устувори соҳаи педагогика ва методикаи таълими забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Нутқи инсон оинаи тафаккур, сатҳи маърифат ва нишондиҳандаи умумии камолоти маънавию фарҳангии ӯст. Дар ин замина, воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ҳамчун унсурҳои неруманд ва гуногунҷанбаи забонӣ на танҳо захираи луғавии шахсро ғанӣ мегардонанд, балки ба изҳори фикри дақиқ, мантиқӣ, образнок, муҷаз ва муассир заминаи муътамад фароҳам меоранд. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ ба яке аз масъалаҳои мубрам ва калидии ҳамбастагии илми забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълим бахшида шудааст, ки ин амр муносибати фарогир ва таҳлили амиқи бисёрҷанбаро тақозо менамояд.

Муҳаққиқ Солеҳзода Шоира Солеҳ хеле бамаврид иброз медорад, ки дар амалияи муосири таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои миёна усулҳои анъанавии пешниҳоди маводди фразеологӣ ва паремиологӣ аксар вақт бо шарҳи содаи луғавӣ, азёдкунии сатҳии мақолу зарбулмасалҳо ё танҳо ёфтани онҳо дар матн маҳдуд мегардад. Чунин равиш имкониятҳои бадеӣ,

услубӣ ва иртиботии ин воҳидҳои забонро маҳдуд намуда, ҳонандаро аз дарки маънои амиқи онҳо маҳрум месозад. Ҳонандагон метавонанд таърифи истилоҳот ё қоидаҳои грамматикиро хуб аз худ кунанд, вале ҳангоми таҳияи нутқи мустақил, иштирок дар мубоҳисаҳо, навиштани иншо ё эссе ба мушкилоти ҷиддии камбуди захираи луғавии фаъол ва адами салоҳияти иртиботӣ рӯбарӯ мешаванд. Аз ин лиҳоз, муаллифи диссертатсия ин норасоии ҷиддиро дақиқ эҳсос намуда, зарурати гузариш ба низоми нави таълимро пешниҳод мекунад. Ин низом ба таҳлили лексикӣ-семантикӣ ва услубӣ асос ёфта, мақсад дорад, ки хонанда на танҳо маънои умумии воҳидро бидонад, балки сабаби интихоби ифода, образи дохилӣ ва вазифаи онро дар матн муайян карда тавонад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст консепсияи мукаммал ва низоми илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар синфҳои V–XI ҳамчун воситаи асосии рушди фарҳанги нутқ ва ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон таҳия ва асоснок карда шудааст. Муаллиф исбот намудааст, ки таълими ин воҳидҳо на бояд танҳо дар доираи бахши луғатшиносӣ маҳдуд шавад, балки он бояд тамоми марҳалаҳои раванди таълими забон ва адабиётро фаро гирад. Дар таҳқиқот шартҳои педагогӣ ва меъёрҳои мушаххаси интихоби ҳадди ақалли воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ барои мактаббачагон муайян карда шудаанд, ки ин барои такмили мазмуни таҳсилоти миёнаи умумӣ ммусоидат менамояд.

Муҳаққиқ бори аввал матнро ҳамчун унсури табиии зуҳур ва фаъолгардонии воҳидҳои устувор пешниҳод намуда, низоми кори методологиро бо он коркард кардааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки хонанда аз шинохти одӣ ва сатҳии калима ба марҳалаи таҳлили амиқи семантикӣ, сохторӣ ва услубӣ гузарад ва ниҳоят ба сохтани матни нав муваффақ шавад. Навгонии дигари кор дар он аст, ки робитаи дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик дар заминаи омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ба таври системавӣ нишон дода шудааст. Дарси забон сохтор ва маъноро меомӯзонад, дарси адабиёт бошад, онро дар низоми ғоявию образноки асар шарҳ медиҳад, ки ин ҳамгироӣ самаранокии азхудкуниро афзун менамояд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳодшуда собит месозанд, ки таҳияи консепсияи лингводидактикии рушди нутқи хонандагон тавассути

воситаҳои муосири фаъолгардонии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ на танҳо ҳамчун раванди омӯзиши луғат, балки ҳамчун як системаи мукаммали инкишофи тафаккури мантиқӣ ва илмӣ асоснок карда мешавад, ки ин заминаро барои амиқтар вусъат ёфтани мазмун ва мафҳуми «фарҳанги нутқ» фароҳам меорад. Омӯзиши мавзуъ ошкор намудааст, ки таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ бо истифода аз маводди дидактикӣ ва бо назардошти меъёрҳои дақиқи ташаккули фаъолияти нутқи хонандагон сурат мегирад ва дар ин раванд аҳаммияти иртиботӣ, басомади истифода, имкониятҳои равонии дарк, арзишҳои зеҳнӣ-маърифатӣ, ҷанбаҳои тарбиявӣ ва пайдарҳамӣ дар таълими онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқ собит намудааст, ки таҳлилҳо, асосноки, самаранокии низом ва татбиқи амсилаи пешниҳодшуда истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии тоҷикӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ таъмин месозад.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажуҳиш такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; баргузории корҳои озмоишӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои муосири таҳқиқот, такя ба заминаҳои муътамади илмии педагогика ва забоншиносӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисолаи илмӣ таҷассум меёбад.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажӯҳиш, фарзия ва марҳилаҳо, асоси назарӣ ва амалию усулу роҳҳои таҳқиқ собит месозанд, ки то кадом андоза мавзӯи таҳқиқшаванда ҳаллу фасл гардидааст. Пойгоҳҳои таҳқиқот, ки диссертант бевосита озмоиш гузарониданд аз он шаҳодат медиҳанд, ки рисола дар заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст. Муаллиф озмоиши педагогиро дар сатҳи зарурӣ ташкил намуда, дар он 182 хонанда, 36 омӯзгор ва 23 падару модарро ҷалб кардааст. Натиҷаҳои бадастомада бо усулҳои оморӣ ва таҳлили сифатии корҳои эҷодии хонандагон тасдиқ шудаанд. Ин албатта, дастоварди хуби диссертант аст.

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи назария ва

методикаи таълими забони тоҷикӣ кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтааст. Рисолаи илмии мазкур аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 351 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад..

Боби якум – **«Асосҳои илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ»** дар чаҳор фасл мураттаб шуда, таҳлили назариявӣ ва методологии асосҳои омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, масъалаи муҳимми ташаккул ва рушди фарҳанги нутқ, салоҳиятҳои иртиботии хонандагонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муҳаққиқ аҳаммияти омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ (зарбулмасал, мақол, ҳикмат, андарз) ва фразеологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик барои ташаккули шахсияти сухандон ва соҳибзабон шарҳ додааст. Тавассути омӯзиши ин воҳидҳои муассири забон таъсирбахшии гуфтор, ҳусни баён ва изҳори матлаб дар шаклу мазмуни баланд таъмин мегардад. Ин раванд ба рушди салоҳияти иртиботии хонандагон, ташаккули маҳорат ва малакаи гуфтор ва навиштор, тафаккури интиқодӣ, таҳлиливу эҷодӣ, дарки таҷрибаи рӯзгор, ғояҳои фарҳанги миллӣ, урфу одат, анъана ва хулқу атвори инсон мусоидат мекунад ва насли наврасро дар руҳияи худшиносии миллӣ парвариш медиҳад.

Муҳаққиқ Солеҳзода Шоира Солеҳ масъалаи фарҳанги нутқи хонандагон дар сарчашмаҳои илмӣ ва дастурӣ таҳлил намуда, қайд менамояд, ки шиносҳти аҳаммияти калима ва сохтори грамматикии нутқ, идроки мазмуну моҳият ва зебоиву дурустии он ва се талаботи дидактикӣ - методии китобҳои дарсӣ: 1. Инкишоф додани нутқи хонандагон ва ташаккули фарҳанги нутқ; 2. Омӯзонидани моҳияти илми забон, хосса, грамматика; 3. Саводнок кардани шогирдон тавсиф ёфтааст. Афкору андешаҳои донишмандону пажуҳишгаронро роҷеъ ба роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба чанд даста тасниф ва дар рисолаи хеш мазмуни онҳоро кушода додааст.

Боби дуюм – **«Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни таълими воҳидҳои фразеологӣ ва паремиологӣ»**-ро фаро мегирад. Дар се фасли боби мазкур мавқеи муносибати босалоҳият чун унсури асосии рушди нутқ, ки аз ду ҷиҳат муҳим аст: аввалан хонанда мефаҳмад, ки забон на маҷмуи қоидаҳо, балки воситаи муошират аст ва метавон донишро ба маҳорат табдил дод; дигар ин ки бо муносибати нави таълим мустақилона қарор қабул кардан, бо забони адабӣ муошират

намуданро хонанда аз худ менамояд, ба риштаи таҳлил кашидааст. Таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ донистани маънову сохтори воҳидҳои луғавӣ ва ифодаҳои тайёр нест, балки ба хонанда имкон медиҳад,ки ҳангоми муошират вобаста ба вазъият тарзи дурусти баёни фикрро омӯзад. Барои ин фаро гирифтани се самти асосӣ - маҳорати шунидан, хондан, гуфтан ва навиштан зарур аст.

Муаллиф андеша ба он таъкид дорад, ки хонандагон бояд сухандон ба камол расанд, фикру андеша ва хаёлоташонро саҳеҳу фаҳмо ва мураттабу муассир баён карда тавонанд. Мавқеи назаррас доштани муносибати босалоҳият ба таълим гузориш ва ҳалли масъалаи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар робита ба идроки маъниҳои воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, рушди салоҳиятҳои забонӣ, иртиботӣ, маърифатӣ ва адабӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик таҳқиқ намудаст. Луғатомӯзӣ дар ин боб на ҳамчун кори ҷудогона, балки дар заминаи контекст ва матнҳои гуногуни бадеӣ пешниҳод гардидаст, ки ин ба хонанда имкон медиҳад гунаҳои муносибати забониро дуруст интихоб кунад.

Боби сеюм – **«Методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** унвон дорад. Муаллиф стандарт, барномаҳо ва китобҳои дарсии синфҳои V–XI-ро таҳлил намуда, муайян кардааст, ки китоби дарсӣ аз унсурҳои муҳимми раванди таълиму тарбия маҳсуб ёфта, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ҷойгоҳи махсусро дорост. Тавассути китоби дарсӣ асосҳои умумии фан ва мафҳумҳои калидӣ пешниҳод шуда, солим нигоҳ доштани фазои ягонаи таҳсилот дар кишвар, беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳи дониш, ташаккул ва рушди салоҳиятҳои хонандагон таъмин мегардад.

Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки маводди забонӣ дар китобҳо ба таври фаровон мундариҷ аст, вале супоришҳо барои истифодаи фаъоли онҳо нокифоянд. Зимни таълиму тадрис мақсадҳои зерин: қобилияти истифодаи луғатҳои тафсирӣ; маҳорати пайдо кардани муродиф ва мутазодди фразеологизмҳо; истифодаи бамавриди воҳидҳои фразеологӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бояд пайгирӣ карда шавад. Барои ташаккули малакаи бамаврид истифода кардани воҳидҳои фразеологӣ дар нутқ машқҳои махсус гузаронида шавад, ки истифодаи мунтазами онҳо захираи фаъоли луғавӣ-фразеологии хонандагонро ғанӣ мегардонад.

Дар ин боб унвончӯ нишон додааст, ки ташкили босифати таълими воҳидҳои фразеологӣ боиси баланд гаштани салоҳиятнокӣ ва фарҳанги нутқи хонандагон мегардад. Гарчанде воҳидҳои фразеологӣ метавонанд нутқро рангин ва таъсирбахш гардонанд, истифодаи бемаврид ва ё номуносиби онҳо баръакс ба нофаҳмӣ ё кам шудани эътибори сухангӯй оварда мерасонад. Аз ин рӯй, донистани вазъият ва мавқеи онҳо муҳим аст ва тақозо мекунад, ки дар раванди таълим омӯзгор ба интихоби мувофиқи матн, супоришу машқҳо, сатҳи маърифату фарҳанги хонанда, ҳадафи муошират диққати ҷиддӣ диҳад. Инкишоф додани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, тартиб додани нутқи монологӣ-мавзуӣ, стратегияҳои маъмули гуфтор ва натиҷаи фаъолият вобаста ба талаботи вазифаи таълимӣ муҳим мебошад.

Дар ҷамъбасти боби мазкур, муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки вазифаи асосии муайян намудани минимуми воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии забони тоҷикӣ барои хонандагон таҳияи дастури махсус аст, ки барои беҳтар аз худ кардани маъно, сохт ва мавқеи истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ мусоидат мекунад. Дар давоми тамоми давраи таҳсил дар мактаб хонандагон бояд танҳо дар синфи V тақрибан 200 воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро фаро гиранд, зеро он яке аз воситаҳои баланд бардоштани фарҳанги нутқии талабагон дониста мешавад.

Боби чорум – **«Роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»**-ро дар бар мегирад. Ин боб қисмати меҳварӣ ва амалии таҳқиқот буда, масъалаи шарҳи намунаҳои воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии зиёди китобҳои дарсӣ бо кумаки омӯзгор, дарки маънову моҳият, шинохти мавқеи корбурди онҳо ва парвариши завқу шавқ нисбат ба каломи зебову шоирона, ки бо ин роҳ сифати гуфтору сатҳи навиштори хонандагон такмил меёбад, муфассал баррасӣ гаштааст.

Омӯзиши муфассали воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ аз он ҷиҳат зарур аст, ки ин воҳидҳои забон ба тарбияи ахлоқиву маънавӣ таъсири зиёде гузошта, рисолати бузург ва беназиреро анҷом додаанд. Шарҳи намунаҳои воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии зиёди китобҳои дарсӣ имкон медиҳад, ки шогирдон бо ҳидояти омӯзгор маънову моҳияти онҳоро дарк ва мавқеи корбурдашонро дониста бошанд; нисбат ба каломи зебову шоирона меҳри хосса парваранд ва

сифати гуфтору сатҳи навишти худро такмил диҳанд. Омӯхтани воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ба рушди тафаккур, муомилаю муошират зебову муассир ва инкишофи нутқи хонандагон заминаи мусоид фароҳам месозад ва ба ҳалли масоили зарурӣ, вазифаҳои гуногуни иртиботӣ таъсир мерасонад.

Машқҳо мувофиқ ба зинаҳои маърифатӣ ба чор гурӯҳ: шинохт, таҳлил, табдилдиҳӣ ва эҷодӣ тақсим шудаанд. Муаллиф роҳҳои мушаххаси кор бо эссе, муколама, лоиҳаҳо ва таҳрири матнро пешниҳод мекунад. Фасли махсус ба машғулиятҳои беруназсинфӣ ва лоиҳаҳои ҷамъоварии мавод бахшида шудааст. Омӯзгор дониши хонандагонро ҳам аз мавзуи асосӣ ва ҳам хониши мустақилона санҷидаву ба ҳисоб гирифта метавонад ва ин усули кор ба ӯ имконият медиҳад, ки бо роҳи хониши мустақилона дониши аз мавзуъҳои асосӣ гирифтаи хонандагонро моҳирона алоқаманд ва васеъ намояд. Дар ин маврид муҳаққиқ иброз медорад, ки "мутаассифона, дар барномаи кунунии таълими адабиёти тоҷик ҳеҷ қайду ишороте на аз хусуси хониши мустақилона ва на хониши беруназсинфӣ ба мушоҳида намерасад."

Боби панҷум – **«Озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремологӣ ва фразеологӣ»** ду фаслро дар бар гирифта. натиҷаҳо ва самаранокии низоми методӣ таҳлил шудааст. Муаллиф марҳалаҳои озмоиши муқарраркунанда ва таълимиро муфассал шарҳ дода, нишондиҳандаҳои рақамӣ ва сифатии гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратиро муқоиса кардааст. Ошкор кардани душвориҳо заминаи мустаҳкамеро барои таҳияи стратегияҳои таълимии ҳадафманд фароҳам оварданд, ки ба хонандагон оид ба бартараф намудани камбудиҳо дар азхудкунии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ кумак намуданд.

Дар марҳалаи муқарраркунанда муайян гардидааст, ки қисми назарраси хонандагон маънои маҷозӣ ва образии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро дуруст намефаҳманд ва сатҳи нофаҳмӣ дар баъзе мавридҳо то 30–35 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондод зарурати татбиқи методикаи навро асоснок намуд. Дар доираи таҳқиқот вусъати ҳаҷми дониш аз афзоиши тадриҷӣ ва муназзами маълумот дар бораи хусусиятҳои воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, аҳаммияти шинохт ва идроки тобишҳои маъноии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва корбасти мутаносиби онро дар нутқ пешниҳод гардидааст. Барномаи

пешниҳодшудаи муаллифи рисолаи илмӣ тавассути машқҳои гуногун зина ба зина амалӣ шудааст.

Натиҷаҳои ниҳоӣ самаранокии баланди методика ва амсилаи таҳиянамударо нишон доданд. Дар гурӯҳи таҷрибавӣ нишондиҳандаи сифати дониш ва малакаи нутқ дар тестҳо 80%, дар навиштани эссе 65% ва дар шарҳи маъно 90%-ро ташкил дод, дар ҳоле ки дар гурӯҳи назоратӣ ин рақамҳо мутаносибан 60%, 30% ва 37%-ро ташкил медоданд. Таҳлили сифатии корҳои эҷодии хонандагон исбот намуд, ки нутқи онҳо равон, мантиқӣ ва аз ҷиҳати услубӣ бой гардида, истифодаи мустақилонаи паремия ва фразеологизмҳо ба таври табиӣ афзоиш ёфтааст.

Аз натиҷаҳои озмоиш маълум шуд, ки таълим ва омӯзиши муназзами ВПФ-и тоҷикӣ ҳангоми дарсҳои забони тоҷикӣ ва адабиёт воқеан ба афзуншавии луғати муҳассилин, ҳусни баён, ифоданокии нутқ мусоидат намуда, ба ташаккули тафаккури мантиқӣ ва эҷодӣ, инкишофи нутқи мураттаб таъсири мусбат расонид. Омӯзиши ВПФ-и тоҷикӣ воқеан ҳам ба ташаккул ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон таъсири мусбат расонида, ҳамчун арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ дар тарбияи насли наврас мақоми шоиста пайдо мекунанд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки хонандагони гурӯҳи таҷрибавӣ дар таҳияи матн ва истифодаи воҳидҳои забон ба пешрафт ноил гардиданд, ки фарзияи таҳқиқотро оид ба самаранокии усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, нақшу мақоми онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон тасдиқ мекунад.

Дар анҷоми диссертатсия зимни **хулосабарорӣ** муҳаққиқ ҷамъбасти натиҷагириҳои пажуҳишро ба таври мушаххас ва нуктасанҷона дар 13 банди ҷудогона бо пешниҳоди илмиву назарӣ пешкаш намудааст. Ҳамзамон дар фароварди хулосаҳои илмии худ муҳаққиқ оид ба **истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот**и анҷомпазируфта дар 11 қисмат тавсияҳои судманд ироа менамояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада назарияи методикаи таълими забони тоҷикиро бо ғояҳои нав ва консепсияҳои муосири лингводидактикӣ ғанӣ мегардонанд. Муаллиф заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги нутқро бо таълимоти суннатии илми бадеъ, балоғат ва фасоҳати каломи ниёгон пайваст намуда, нишон дод, ки сифати нутқи хуб ва маданӣ на танҳо бо

дурустии грамматикӣ, балки бо мавридшиносӣ, ғановати луғавӣ ва таъсирбахшии он баҳо дода мешавад. Ин равиш барои устувор намудани заминаи назариявии муносибати босалоҳият дар таълими забони модарӣ аҳаммияти калон дорад.

Таҳқиқот қонуниятҳои ташаккули малакаҳои суханварии хонандагонро дар заминаи омӯзиши воҳидҳои маҷозӣ амиқтар намуда, таснифоти машқҳоро мувофиқ ба зинаҳои фаъолияти маърифатӣ асоснок мекунад. Хулосаҳои назариявии диссертатсия метавонанд дар пажуҳишҳои минбаъдаи соҳаи методикаи таълим, лингводидактика, маъношиносӣ ва услубшиносӣ ҳамчун манбаи муътамад ва дастури назариявӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти Солеҳзода Ш.С. хеле назаррас буда, низоми пешниҳодшуда, амсилаҳои дарсҳо, маҷмуи машқҳо ва супоришҳои эҷодӣ метавонанд бевосита дар раванди таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода шаванд. Таҳия ва нашри 2 монография ва 8 дастури таълимӣ-методии муаллиф гувоҳи он аст, ки маводи таҳқиқот аллакай соҳиби заминаи амалии корбарӣ гардидааст. Маводди диссертатсияро ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои аёнии таълимӣ барои синфҳои V–XI васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба ташкили машғулиятҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳо, озмунҳо ва лоиҳаҳои ҷамъоварии маводди халқӣ барои васеъ кардани муҳити таълим ва ҳавасмандгардонии хонандагон ба мутолиаи мустақилона кумаки амалӣ мерасонанд. Натиҷаҳои корро дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ дар ҷараёни тадриси методикаи таълими забони тоҷикӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон барои баланд бардоштани салоҳияти методии муаллимон истифода бурдан комилан мувофиқ аст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муқарраротӣ асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявии илмию амалӣ муҳаққиқ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 64 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунанд, нишон дода шудааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба пуррагӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикост намудааст. Дар мақолаҳои илмии муаллиф низ муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтааст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ҳадди ақалли воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии пешниҳодшуда барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бештар мебуд дар шакли ҷадвали ягона ва муназзам аз рӯйи синфҳо (аз синфи V то XI) бо нишон додани мавзуъҳои грамматикӣ, намуди машқҳо ва натиҷаҳои интизоршаванда ҷамъбаст мегардид, муҳтавои рисола боз ҳам мубрамтар мегардид.

2. Барои хонандагони синфҳои V-VI баъзе супоришҳои таҳлилии боби чорум нисбатан мушкил ба назар мерасанд. Барои ин синну сол пешниҳод кардани намунаҳои кутоҳ ва амсилаҳои тайёри иҷрои машқҳо ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

3. Дар қисмати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ баъзе сомонаҳо ва барномаҳои рақамии пешниҳодшуда хусусияти муваққатӣ доранд. Бештар мебуд меъёрҳои умумии интихоби манбаъҳои рақамии боэътимод тавсия дода шавад, ки метавонист эътимоднокии натиҷаҳоро боз ҳам тақвият бахшад.

4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои

31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, мудири шуъбаи
педагогика, психология ва методикаи
таълими Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Иматзода Лутфия Маҳмадулло

07 октябри соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, бинои 144, хуҷраи 198
Тел.: (+992) 55 533 3121, E-mail: imatoval@mail.ru

Имзои Иматзода Лутфия Маҳмадуллоро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

Суроға:
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2.
Тел: (+992-37) 227 62 46. Сомона: http://www.prmatt.tj

07 октябри соли 2026